«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ профессор
Ғаффорӣ Н.У. ____________
18 марти соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзуи "Ономастикаи "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ" аз тарафи Имамбердиева Саломат Менгликуловна дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҳомидов Дилмурод Раҷабович доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъйин шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 28. 02. 2020, қарори № 8/6.2 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Рисолаи илмӣ-тадқиқотии мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар он бори нахуст масъалаҳои марбут ба ономастикаи тоҷик дар асоси асари калонҳаҷми устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо», ки он то ҳол дар шакли як диссертатсияи алоҳида баррасӣ нашудааст, бо истифода аз методҳои тадқиқотии забоншиносӣ ин мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зарурати интихоби мавзуи мазкурро таваҷҷуҳи пайвастаи муаллифи рисола нисбат ба таърихи ташаккул ва таҳаввули маводи ономастикии асари устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо», кам омӯхта шудани он аз нуқтаи назари таърихию забоншиносӣ ва махсусан, номшиносии муосир, ба миён овардааст. Омӯзиши ин масъала дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон муҳимии бештаре касб мекунад.

Диссертатсия дар доираи накшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Роҷеъ ба забон аз нигоҳи дараҷаи корбурди вожагон ва вижагиҳои адабию бадеии осори насрии устод С.Айнӣ дар адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ таълифоти зиёде ба анҷом расидааст. Вале роҷеъ ба ономастикаи асари тарҷумаиҳолии устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» то кунун таҳқиқоти алоҳидае анҷом дода нашудааст. Маҳз бо назардошти ҳамин муаллифи диссертатсия тасмим гирифтааст ономастикаи асари мазкурро аз нигоҳи талаботи илми забоншиносии муосир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Маводи ономастикии асар (аз ҷумла антропониму ҷойномҳо) аз нигоҳи мавзуъ, вижагиҳои маъноию луғавӣ, сохторӣ ва мансубияти забонӣ тасниф ва таҳқиқу таҳлил карда шудаанд, ки расидан ба ин мақсад ба иҷрои вазифаҳои зерин робитаи зич дорад:

– муайян кардани мақоми номи ашхоси таърихӣ ва устуравӣ дар «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ;

– таҳқиқи қабатҳои луғавии ҷойномҳо дар асар;

– нишон додани мавқеи вижагиҳои луғавию семантикии маводи ономастикии асар дар масири таърих;

– таҳқиқи вижагиҳо ва унсурҳои луғавии маводи ономастикии асар ва муайян кардани миқдори муродифоту дараҷаи корбасти онҳо;

– баррасии вижагиҳои семантикии топоформантҳои асар;

– баррасии қабатҳои маънои луғавии ономастикаи асар, аз қабили номи деҳаҳо, шаҳракҳо, шаҳрҳо, кӯҳҳо, дараҳо, дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳо, чоҳу ҳавзҳо, обанборҳо, пиряҳҳо ва ғайра;

– муайян кардани накши формантҳои антропониму ҷойномсоз ва ҷанбаҳои забонии онҳо дар таркиби ономастикаи асар;

– баррасии ономастикаи «Ёддоштҳо» аз нигоҳи сохтор ва муайян кардани вожаҳои сода, сохта, мураккаб, таркиби морфологии антропонимҳо;

– баррасии ономастикаи асар аз нигоҳи мансубият ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ ва омехта;

– баррасии формантҳои антропониму ҷойномсози асар аз нигоҳи мансубият ба забонҳо, аз қабили форманти онимсози тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он таҷассум меёбад, ки бори нахуст ономастикаи яке аз асарҳои пурқимати устод С. Айнӣ «Ёддоштҳо» аз ҷиҳати маъно, бaромад, ташаккул ва сохтор, формантҳои антропониму ҷойномсоз ва тобишҳои семантикӣ дар шакли мукаммал таҳқиқ гардида, дар диссертатсия антропониму ҷойномҳои таърихии мансуби ашхос ва мавзеъҳо, сайри таърихиву ҷуғрофии ин мавзеъҳои марбут ба нуқоти аҳолӣ дар асоси нигоштаҳои муҳаққиқони пешин ва муосир, тафсири ҳудуди ҷуғрофӣ, таърихии ин сарзамин, номи одамон дар «Ёддоштҳо» дар маҷмуъ таҳқиқ гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии ономастикаи «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷик, ба хусус, роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки ономастика дар он нақш доранд, ибрози андеша гардида ва хулосаҳои илмии ба даст омадаро дар таълифи китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ ва ҷуғрофияи таърихию муосири ин сарзамин, инчунин дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои ономастикӣ метавон истифода кард.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи рисолаи мазкурро дар дарсҳои лексионӣ, дар курсу семинарҳои махсус аз таърихи забони тоҷикӣ, номшиносӣ [ономастика], шевашиносӣ, таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар факултетҳои филология, забонҳои Аврупо ва Осиё, таърих, ҳуқуқ ва дигар риштаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ

мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва ҳамчунин вожаҳои махсуси ономастикиро дар фарҳангномаҳо чун мавод истифода намудан мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Лозим ба ёдоварист, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб иборат буда, мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом пазируфтааст. Хулосаҳои диссертант илмиянд ва ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Имамбердиева Саломат Менгликуловна таҳти унвони “Ономастикаи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ”, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи мазкурро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 5 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 4-тои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ интишор гардидаанд:

[1-М]. Имамбердиева С.М. Баррасии қабатҳои луғавии ойконимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 1 (84). – С. 90-94.

[2-М]. Имамбердиева С.М. Таҳлили луғавӣ ва сохтории ибора-исмҳои хоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – № 2 (91). – С. 118-120.

[3-М]. Имамбердиева С.М. Баррасии қабатҳои луғавии антропонимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – № 3 (92). – С. 87-91.

[4-М]. Имамбердиева С.М. Баррасии қабатҳои луғавии топонимҳои «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – № 4 (93). – С. 11-16.

[5-М]. Имамбердиева С.М. Садриддин Айнийнинг «Эсдаликлар» асаридаги ойконимларнинг лексик қатламларини ўрганиш // Термиз давлат университетнинг илмий журнали. – Термиз, 2021. – № 1 (1). – С. 45-50.

Бинобар ин, кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ диссертатсияи мазкурро аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ барои дифоъ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 15 нафар: Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 15 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Қарори № 7 аз 15.03.2022.

Раисикунанда: Сулаймонов Искандар Одинаевич, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Котиб: Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич, доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail: tgpu@mail.ru

Имзои Сулаймонов Искандар Одинаевич ва Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Д.